**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Раҳмонова Дилрабо Искандаровна «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2024. – 27 с.**

Наҳв қисмати мураккаби забон буда, таҳқиқи масъалаҳои мухталифи он паҳлуҳои омӯхтанашуда ё камтаҳқиқшудаи онро бозгӯ мекунад. Муайян кардани ин ҷанба дар заминаи маводи осори бадеӣ, аз як тараф, далели зебоиву нафосати забон, аз ҷониби дигар, имконоти фарохи воҳидҳои забон дар баёни матлаб мебошад. Махсусан, осори бадеии асосгузори адабиёти муосири тоҷик, адиби нозукадо устод Айнӣ хазинаи холинашавандаест, ки таҳқиқи он дар инкишофи имконоти воҳидҳои забон, аз ҷумла навъҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав мусоидат менамояд. Дар ин қатор ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда истисно нестанд.

Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна аз ҷумлаи таҳқиқотест, ки маҳз ба ҳамин гуна масъалаи мубрами забоншиносии муқоисавӣ – баррасии хусусиятҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар насри Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи англисии он бахшида шудааст. Мубрамияти онро муҳаққиқ барҳақ чунин қайд менамояд: «Ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаҳои сертаркиби забони тоҷикӣ ва муодилҳои онҳо дар забони англисӣ аз нигоҳи забоншиносӣ то ҳол мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи бунёдӣ қарор нагирифтааст. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи мавзуи мазкур имкон фароҳам меорад, ки бисёр масъалаҳои муҳимми марбут ба грамматикаи забон, хосса бахши синтаксис, роҳи ҳалли дурусти худро ёбад» (с. 6).

Аппарати илмии рисола қавӣ буда, дар ҷараёни таҳияи он аз асарҳои бунёдии олимони машҳури ватаниву хориҷӣ чун Д. Тоҷиев (1971), Ш. Рустамов (1970; 1973), Ф. Зикриёев (1987, 2006), С. Атобуллоев (1975), Л. Бузургзода (1942), Д. Хоҷаев (1991), Ю.А. Ливитский (2014), Л.С. Бархурдаров (1966, 2008), Л.С. Бархурдаров ва Д.А. Штелинг (1973), Л.П. Винокурова (1954), Г.Н. Воронсова (1960), М.А. Галинина ва Н.М. Василевская (1955), Б. А. Илиш (1948), Л.Л. Иофик, Л.П. Чахоян (1967), А.М. Беленитский (1967), Н.Ф. Иртенева (1965), Н.А. Кобрина, Е.А. Корнеева (1965, 1974), Д.А. Штеллинг (1996), А.Ж. Смирнитский (1958), В.Д. Ившин (1992) самаранок истифода шудааст.

Диссертатсия аз рӯйи мазмуну муҳтаво, мундариҷа ба ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат менамояд.

Фишурдаи мавриди тақриз мукаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиётро дар бар гирифтааст. Муқаддима тамоми рукнҳои тибқи низомномаи КОА мукарраршударо дар бар гирифтааст.

Боби якум «**Заминаҳои назариявӣ ва амалии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» номгузорӣ шуда, се фаслро дар бар гирифтааст. Дар ин қисмати кор асосҳои назариявӣ, навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ гардида, дараҷаи корбурди онҳо дар осори мансур ва манзуми устод Айнӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби дуюм «**Вижагиҳои қиёсии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар ҷумлаи пайрави муайянкунандаи забони тоҷикӣ ва англисӣ**» номгузорӣ шуда, чор фаслро дар бар гирифтааст. Дар фаслҳои мазкур ҷойи ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда ва таҳлили муқоисавии сохти ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Боби сеюм «**Таҳлили сохтори маъноии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» унвон дошта, аз чор фасл иборат ёфта, дар ин боб гурӯҳбандии маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаҳои тобеи забони тоҷикӣ ва ҳамгунҳои онҳо дар забони англисӣ аз нигоҳи фарогирии мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ барои тасдиқи нуктаи назари худ мисолҳои зиёдеро гирд оварда, онҳоро бо маводди забони англисӣ муқоиса намуда, хулосаҳои қатъӣ баровардааст, ки ҳамагӣ асосноканд. Нақшаҳои дар фишурда овардашуда ҳамчун воситаи аёнӣ ва натиҷагириҳои муҳаққиқ ба сифати роҳнамо дар корҳои илмии муҳаққиқони соҳаи наҳв хизмат хоҳанд кард.

Хулосаҳои рисола дар 8 банд хеле мушаххасу возеҳ иброз ёфтаанд.

Тавсияҳои муаллифи диссертатсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар 4 банд пешниҳод шудааст, ки барои тавсеаи бештари таҳқиқи муқоисавии забони осори устод Айнӣ, аз ҷумла қисмати наҳви ҷумлаҳои мураккаб, мусоидат менамояд. Дар ин замина диссертант тавсияҳои хуб додааст, ки қобили қабуланд.

Доир ба мавзуъ 9 мақола ба табъ расидааст, ки аз онҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5-тояш дар маҷмуаҳои дигар интишор ёфта, мазмуну муҳтавои асосии рисоларо комилан ифода мекунанд.

Ҳамин тариқ, муоинаи фишурдаи рисолаи номзадии Д. И. Раҳмонова нишон дод, ки дар таълифи он муаллиф заҳмати зиёде кашида, осори илмии ба мавзуъ бахшидашударо амиқ ва ҷиддӣ омӯхта, маводи фаровонеро гирд овардааст, ки солиёни сол ба омӯзандагону муҳаққиқони забони тоҷикӣ ва англисӣ хизмат хоҳад кард.

Дар баробари зикри дастовардҳои илмию таҳқиқотӣ мехоҳем, чанд мулоҳизаамонро доир ба баъзе норасоиҳое, ки ба чашм расиданд, баён намоем:

1. Ҳангоми зикри номи муҳаққиқон дар диссертатсия баъзан гуногуннависӣ ба назар мерасад. Масалан, номи муҳаққиқ Беленитский дар шакли Белинский, Белинитский зикр шудааст (с. 10).

2. Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, аммо ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ба мушоҳида расиданд, ки бартараф кардани онҳо ҳусни корро меафзояд.

3. Хуб мешуд, тавассути таҳқиқи оморӣ маводи амалии рисола дар шакли диаграммаҳо пешниҳод мегардид.

Ишораҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши баланди илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Рисолаи номзадии Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи **«Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)»** пурмуҳтаво ва тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он – Раҳмонова Дилрабо Искандаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илми филология, профессори
кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, ДМТ
Почтаи электронӣ: mirzoeva.mohira.11@mail.ru
Тел. дастӣ: (992) 93 711 30 28

«Имзои профессор М. М. Мирзоеваро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«07» 05 соли 2024

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС * ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ